## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Яке аз хусусиятҳои журналистикаи муосир тақвияти робитаи мустақими расона бо аудитория ва гузариши фаъолияти иттилоотӣ ба муҳити рақамӣ мебошад. Дар ин раванд, шабакаҳои иҷтимоӣ ба қисми таркибии фаъолияти ВАО табдил ёфта, имкониятҳои нави пешниҳоди муҳтаво, омӯзиши рафтори корбарон ва ташкили иртиботи фавриро фароҳам овардаанд.

Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф ба омӯзиши яке аз самтҳои нисбатан нави журналистикаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф SMM-ро дар робита бо фаъолияти расонаҳои ватанӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳтавои рақамӣ, афкори ҷамъиятӣ ва фаъолияти касбии менеҷери SMM мавриди баррасӣ қарор додааст. Зарурати чунин пажуҳиш аз он бармеояд, ки фаъолияти расонаҳо дар муҳити рақамӣ босуръат рушд ёфта истодааст, вале паҳлуҳои назариявӣ ва амалии он дар илми журналистикаи тоҷик ҳанӯз ба омӯзиши бештар ниёз доранд.

Мақсади таҳқиқ ба муайян намудани нақш ва механизмҳои истифодаи SMM дар таъсиррасонӣ ба аудитория ва афкори ҷамъиятӣ равона шудааст. Барои расидан ба ин мақсад диссертант масъалаҳои марбут ба мафҳуми SMM, ҷалби аудитория, муҳтавои расонаҳои тоҷикӣ, рекламаи мақсаднок, истифодаи зеҳни сунъӣ ва фаъолияти менеҷери SMM-ро омӯхтааст. Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ дар маҷмуъ бо мазмун ва самти диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Навгонии илмии кор пеш аз ҳама дар ворид намудани масъалаи SMM ба доираи пажуҳишҳои журналистикаи Тоҷикистон зоҳир мегардад. Дар диссертатсия раванди гузариши расонаҳои ватанӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ таҳлил шуда, фаъолияти онҳо дар Фейсбук ва Инстаграм аз рӯйи нишондиҳандаҳои гуногун муқоиса гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия мафҳум, ташаккул ва ҷойгоҳи SMM дар журналистика баррасӣ шудааст. Муаллиф ба хусусиятҳои фаъолияти менеҷери SMM ва робитаи он бо касби журналист низ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Дар бахши таҷрибавии боб фаъолияти як қатор расонаҳои Тоҷикистон дар Фейсбук мавриди омӯзиши оморӣ қарор гирифтааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки сатҳи фаъолияти саҳифа на танҳо аз шумораи пайравон, балки аз муҳтаво ва таъсири мутақобилаи аудитория низ вобаста мебошад.

Боби дуюм ба омӯзиши ниёзҳои иттилоотии аудитория ва фаъолияти расонаҳо дар муҳити рақамӣ бахшида шудааст. Диссертант дар мисоли АМИТ «Ховар», Asia-Plus, Pressa.tj, Your.tj ва дигар расонаҳо мавзуъҳои бештар мавриди таваҷҷуҳи корбаронро муайян намуда, нишон медиҳад, ки ҳар расона вобаста ба хусусияти аудиторияи худ самтҳои мухталифи муҳтаворо пеш мебарад.

Боби сеюм масъалаҳои бевосита марбут ба фаъолияти касбии мутахассиси SMM-ро фаро мегирад. Муаллиф дониш ва малакаҳои зарурии чунин мутахассис, аз ҷумла қобилияти навиштан, таҳияи муҳтавои визуалӣ, кор бо маълумоти оморӣ ва шинохти талаботи аудиторияро шарҳ додааст.

Бахши алоҳидаи ин боб ба истифодаи зеҳни сунъӣ бахшида шудааст. Диссертант имкониятҳои ChatGPT, Copilot, Gemini ва Perplexity-ро дар таҳияи матни таблиғотии тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор дода, тарзи пешниҳоди муҳтаво ва хусусиятҳои посухҳои онҳоро арзёбӣ менамояд.

Дар фасли мазкур ба имкониятҳои истифодаи рекламаи мақсаднок низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Муаллиф бо такя ба намунаҳои мушаххаси таблиғотӣ дар Фейсбук самаранокии онро аз рӯйи интихоби аудиторияи мақсаднок, буҷети ҷудошуда ва навъи муҳтаво баррасӣ менамояд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки танзими дурусти ин унсурҳо метавонад ба афзоиши фарогирии мавод мусоидат кунад ва ҳамин ҷиҳат аҳаммияти амалии таҳқиқро тақвият мебахшад.

Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳам дар омӯзиши минбаъдаи журналистикаи рақамӣ ва ҳам дар фаъолияти амалии расонаҳо, марказҳои иттилоотӣ, муассисаҳои давлатӣ ва дигар сохторҳо истифода шаванд. Тавсияҳои пешниҳодшуда оид ба таҳияи муҳтавои мувофиқ, омӯзиши аудитория, истифодаи абзорҳои таҳлилӣ ва омодасозии мутахассисони SMM аз аҳаммияти амалии кор шаҳодат медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Таҳқиқ асосан ба Фейсбук ва Инстаграм нигаронида шудааст, дар ҳоле ки худи натиҷаҳои кор аз афзоиши мавқеи Телеграмм ва ТикТок дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд. Таҳлили муфассалтари фаъолияти расонаҳои ватанӣ дар ин платформаҳо метавонист фарогирии таҳқиқро бештар намояд.
2. Дар саҳифаи 5 хатои техникӣ ба назар мерасад: калимаи «муҳтаво» ду маротиба пайи ҳам оварда шудааст, дар ҳоле ки шакли дар қавсбуда бояд «контент» навишта мешуд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (Social Media Marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, натиҷаҳои он барои омӯзиши равандҳои муосири журналистикаи рақамӣ дар Тоҷикистон аҳаммият доранд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои барасмиятдарории корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маъруфзода Маҳноза Маъруф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири
идораи барномаҳои иттилоотии
«Телевизиони Душанбе» Ҳакимзода Р. К.
«29» август соли 2026.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С. Айнӣ, бинои 339, ҳуҷраи 2.
Тел.: (+992) 77-707-20-37.
E-mail: poct-90@mail.ru

Имзои Ҳакимзода Раҳим Каримро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи баҳисобгирии кадрҳо, таъмини ҳуқуқӣ
ва коргузории «Телевизиони Душанбе» Исматова Ҳ.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон, 19/1
Тел.: (+992) 221-24-46.
E-mail: info@dushanbetv.tj
«29» август соли 2026.